ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «01» 10 соли 2026 № 365/ш ш. Душанбе

Дар бораи додани унвони илмии дотсент

Мутобиқи сархати ҳаждаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 3, 6, 49, 59, 64 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дарёфти унвони илмӣ тибқи рӯйхат (се нафар) шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Сухроб Ҷурахонзода) шаҳодатномаҳои намунаи давлатии унвони илмиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Самариддини Ҷамоли) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 2026, №10

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Сайфиддин Давлатзода

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» 10 соли 2026, №365/ук

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии дотсент, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмӣ дода мешаванд

№	Насаб, ном ва номи падари довталаб	Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии дотсент ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст
1.	Хомидиён Ҳикматшоҳ Комилӣ	Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров; дотсент аз рӯйи самти илмҳои «Адабиётшиносӣ»
2.	Ширинзода Наҷмуддин Асомадин	Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; дотсент аз рӯйи самти илмҳои «Адабиётшиносӣ»
3.	Убайдуллоев Сайдулла Гайбуллаевич	Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров; дотсент аз рӯйи самти илмҳои «Санъатшиносӣ»